**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Такриз**
**ба автореферати рисолаи номзадии Шарипов Умедҷон Абдукаримович доир ба мавзӯи “Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Умедҷон Абдукаримович ба омӯзиши ҷиҳатҳои назариявию амалии танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ бахшида шудааст. Интихоби ин мавзӯъ, бо таваҷҷуҳ ба соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо шудани масъалаи нави ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, ки масоили муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба хизматрасонии музднoки машваратиро низ дар бар мегиранд, мубраму муҳим будани таҳқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳад.

Аз мазмуни автореферати таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб иборат аст. Дар боби якум мафҳуму моҳият, хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти машварату хизматрасонии машваратӣ тавсиф ёфтааст. Муаллиф дар ин боб мавқеъҳои умумии методологӣ оид ба масъалаи таҳқиқшавандаро тавзеҳ ва мафҳумҳои асосии таҳқиқотро шарҳ додааст. Ҳамчунин дар ин боб сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднoки машваратӣ, мафҳум ва табиати ҳуқуқии онҳо мавриди таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд.

Боби дуюм ба таҳқиқи илмӣ-назариявии шартнома ҳамчун шакли барасмиятдарорӣ ва танзими муносибатҳои вобаста ба хизматрасонии музднoки машваратӣ бахшида шудааст. Ин боб дар воқеъ, қисми марказию бунёдии тамоми таҳқиқоти диссертатсионӣ аст, чунки дар ин ҷо таҳлили илмӣ-назариявии ҳама қисмҳои таркиби шартномаи хизматрасонии музднoки

машваратӣ – мавзуъ, вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳои шартнома оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки ба ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи хизматрасонии музднокии машваратӣ бахшида шудааст, муаллиф мафҳум, асосҳо ва шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднокии машваратиро тибқи шартномаи мазкур таҳқиқ кардааст. Автореферати диссертатсия дар маҷмӯъ аз ҷиҳати мазмун мукаммалу ягона буда, натиҷаву муқаррароти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи он аз саҳми шахсии муаллиф дар илм гувоҳӣ медиҳанд.

Умуман, кори диссертатсионии мазкур аввалин маротиба дар илми ҳуқуқи гражданӣ таҳқиқи комплексии назариёти илмии оид ба проблемаи танзими шартномавии хизматрасонии музднокии машваратӣ гузаронида шуда, дар ҷараёни ин таҳқиқ муқаррароти нави назариявӣ оид ба таносуби машварат ва иттилоот, мафҳуми хизматрасонии музднокии машваратӣ ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои вайрон кардани шартҳои шартнома шарҳ дода ва асоснок карда шудаанд. Исбот шудааст, ки шартномаи хизматрасонии музднокии машваратӣ шартномаест, ки шарташ бо созиши тарафҳои он муайян карда мешавад, на бо салоҳдиди яке аз ин тарафҳо дар тавсияномаҳо ё дигар шакли стандартӣ. Мафҳуми чунин шартнома дода шуда, тавсияҳои амалии оид ба танзими муносибатҳои ин соҳа низ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар заминаи маводи васеи илмӣ проблемаи муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи хизматрасонии музднокии машваратӣ ҷамъбаст намуда, дуруст қайд кардааст, ки он аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ дорад. Далели муаллиф дар бораи ҷавобгӯи талаботи феълӣ набудани ҳолати танзими меъёрии проблемаи муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи хизматрасонии музднокии машваратӣ воқеӣ ва тадбирҳои оид ба такмили қонунгузории гражданӣ дар мавриди проблемаи таҳқиқшаванда саривақтӣ мебошанд. Таҳлили унсурҳои падидаи таҳқиқшаванда ба муаллиф имкон додаанд, ки дар хусуси ин проблемаи хеле мураккабу нави илмию назариявӣ хулосаҳои илман асоснокро барорад. Хулосаҳои назариявии диссертатсияро дар раванди тадриси фанни ҳуқуқи гражданӣ, инчунин ҳангоми ҳаллу фасл кардани парвандаҳои мушаххаси гражданӣ ба сифати маводи назариявӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, дар баробари комёбиҳои зикршудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, баъзе эродҳоро низ нисбати он мавриди зикр мешуморем:

1. Дар нуқтаҳои 1 ва 3-и ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф оид ба намуди мустақил ва аз хизматҳои иттилоотӣ ҷудо будани хизматрасонии машваратӣ ба таври мухтасар ишора намуда, дар натиҷа мафҳуми шартномаи машваратиро баён намудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия тафовути шартномаҳои (хизматрасониҳои) болозикр муфассалтар шарҳ дода шаванд.

2. Аз матни автореферат (с. 31) маълум мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи санадҳои меъёрии корпоративӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи хизматрасонӣ ва хусусан, хизматрасонии машваратиро низ баррасӣ намудааст. Оид ба ин масъала дар автореферат маълумоти пурра дода нашудааст, ки аз диссертант шарҳи бештари онро талаб менамояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, фикр мекунем, ки бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунанд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Умедҷон Абдукаримович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор                Ғафурзода А.Д.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992 37) 224-17-86, (+992) 907725590
E-mail: halil-77@mail.ru

“Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон        Абдуалимзода И.И.